«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
д.и.и., профессор
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат
________________________
«29» ___01___ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз ҷиҳати мавзуъ, объекти таҳқиқ, усулҳои таҳлил ва натиҷаҳои илмии бадастомада ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) пурра мутобиқат намуда, инчунин ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва тибқи қарорҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи таҳқиқи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт аз нуқтаи назари рушди устувори соҳаи нақлиёт аҳамияти ҷиддии назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар марҳилаи кунунӣ нақлиёти мусофирбар ба равандҳои мураккаби тағйирёбии технологӣ, институтсионалӣ ва бозорӣ рӯ ба рӯ буда, ин ҳолат талаб менамояд, ки фаъолияти корхонаҳои соҳа дар асоси механизмҳои нави идоракунӣ ва қарорҳои инноватсионӣ ба роҳ монда шавад.

Таҳлили муҳтавои кори пешниҳодгардида нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи рақобатпазириро на танҳо аз мавқеи иқтисодии анъанавӣ, балки дар заминаи равандҳои рақамисозӣ ва сиёсати давлатии рушди инфрасохтори нақлиётӣ баррасӣ намудааст. Дар тадқиқот санадҳои стратегӣ ва барномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори

роҳу нақлиёт, ба таври мақсаднок истифода гардида, онҳо ҳамчун асоси ташаккули муҳит ва шароити рақобатии фаъолияти корхонаҳои нақлиёти мусофирбар хизмат менамоянд. Қобили зикр аст, ки дар кори таҳқиқотӣ таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти нақлиёти автомобилии мусофирбар, рушди инфрасохтори хизматрасонӣ, инчунин ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти соҳа, аз ҷумла таъмини дастрасии хизматрасониҳо барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ва коҳиши таъсири манфии фаъолияти нақлиёт ба муҳити зист равона гардидааст. Ин равиш ба таҳқиқот хусусияти мукаммал ва байнисоҳавӣ мебахшад. Ҳамзамон, таҳқиқ нишон медиҳад, ки муаллиф мавҷуд набудани равиши ягонаи методӣ оид ба баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарро асоснок намуда, зарурати такмили усулҳои таҳлилӣ, истифодаи воситаҳои оморӣ ва моделсозии иқтисодиро таъкид менамояд. Пешниҳодҳои илмӣ ва хулосаҳои баровардашуда дорои арзиши амалӣ буда, метавонанд дар фаъолияти соҳа ва роҳбарияти корхонаҳои нақлиётӣ мавриди истифода қарор гиранд. Бо назардошти сатҳи таҳлил, дараҷаи асоснокии хулосаҳо ва мувофиқати натиҷаҳо ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ, мавзуи таҳқиқот мубрам, саривақтӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи амалии соҳаи нақлиёти автомобилии мусофирбар арзёбӣ мегардад.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда.** Таҳлили кори диссертатсионии Баротов Ҳ.А. нишон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври нисбатан васеъ инъикос ёфтаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ин захираи назариявиро мақсаднок ҷамъбаст намуда, онро бо истифодаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда, маълумоти оморӣ ва маводҳои амалии фаъолияти корхонаҳои нақлиёти мусофирбар такмил додааст. Ин равиш имкон додааст, ки масъалаҳои рақобатпазирӣ дар заминаи шароити муосири иқтисодиёти рақамӣ ба таври мукаммал баррасӣ гарданд. Қобили зикр аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф дар асоси истифодаи маҷмӯи васеи усулҳои таҳқиқотӣ ташаккул ёфтаанд. Дар кори диссертатсионии мазкур равиши системавию диалектикӣ ҳамчун асоси методологӣ истифода гардида, ҳамзамон усулҳои таҳлили омилӣ, регрессивӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ ва сохторӣ барои ошкор намудани қонуниятҳои рушди равандҳои иқтисодӣ ба кор бурда шудаанд. Ин маҷмӯи усулҳо ба муаллиф имконият фароҳам овардааст, ки натиҷаҳои бадастомада аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боэътимод бошанд. Истифодаи васеи маводи ҷадвалӣ ва графикӣ сатҳи аёнияти натиҷаҳои таҳқиқотро баланд бардошта, ба дарки беҳтари

робитаҳои байни нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мусоидат намудааст. Мантиқи сохтории диссертатсия ба принсипҳои умумии шинохти илмӣ такя намуда, мутобиқати таҳлили сифатӣ ва миқдориро таъмин мекунад. Дар натиҷа, далелҳо ва хулосаҳои пешниҳодгардида пайдарпай, силсилавӣ ва аз ҷиҳати методӣ асоснок арзёбӣ мегарданд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳо.** Натиҷаи асосии илмии диссертатсия аз таҳияи механизми муносиби таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ иборат аст. Натиҷаҳои назаррасе, ки дар раванди гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд:

✓ дар асоси омӯзиши саҳми олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули аломатҳои рақобатпазирии соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар шароити рақамикунонӣ таърифи муаллифии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарро ҳамчун қобилияти зуд ва саривақт қонеъгардонии талаботи мизоҷ тавассути интиқоли муайян, ки мавқеи хосро дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ бо назардошти гирифтани фоидаи зиёд ишғол менамоянд, тавсиф додааст. Ҳамчунин қайд гардидааст,ки таъминоти рақобатпазирии хизматрасонии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити муосир бидуни рақамигардонӣ ғайриимкон аст. Ба ақидаи муаллиф иқтисоди рақамӣ - низоми ташкилию иқтисодиест, ки ба технологияҳои рақамӣ асос ёфта, бизнес-равандҳоро тавассути интернет ва технологияҳои пешрафтаи муосири рақамӣ ташаккул медиҳад. Ҳамчунин қайд шудааст, ки рақамикунонӣ раванди иқтисодӣ буда, моделҳои фаъолияти самараноки корхонаҳо, тағйиротҳои инноватсионӣ, ҷаҳонбинии рақамӣ, ва муносибатҳои иқтисодии истифодаи технологияҳои муосирро дар бар мегирад. Тавсиф ва хусусиятҳои асосии равишҳои ҷойдошта доир ба назарияи рақобат ва рақобатпазирӣ, тавсифи назарияи рақобат аз нигоҳи мактабҳои иқтисодӣ ва ҷузъҳои ба ҳам алоқаманди рақобатпазирӣ ба низом даровarда шудаанд, ки хуб арзёбӣ мегардад;

✓ Хусусиятҳо, платформаҳои рақамӣ ва муаммоҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ошкор карда шуданд. Муаллиф кушиш намудааст, исбот намояд, ки истифодаи низомҳои рақамикунонӣ дар соҳаи нақлиёт ва платформаҳои рақамӣ, ба монанди Didi – Chuxing, Yandex – Taxi, Uber ва Bolt, ки на танҳо низоми мусофиркашониро осонтар ва самаранoktар кардаанд, балки ба рушди иқтисоди миллӣ низ таъсири назаррас расонидаанд. Таснифи усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ, гурӯҳбандии усулҳои баҳодиҳии

рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар аз рӯи нишонаҳо, таснифи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ муктобиқи стратегияи мавқеъгирӣ ва стратегияи устувории молиявӣ, муҳити рақобатии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва раванди ташаккул ва рушди афзалиятҳои рақобатии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар амалӣ гардонида шудааст;

✓ Дар асоси таҳқиқи вазъи кунунии нақлиёти автомобилии мусофирбар арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо назардошти вазъи молиявии корхона, самаранокии фаъолияти корхона, фаъолнокии корӣ, ҳолати илмию техникӣ ва нишондиҳандаҳои меҳнатӣ, амалӣ карда шудааст. Ҳамзамон, омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд ошкор карда шуда, исбот гардидааст, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар зери таъсири омилҳои берунӣ (омилҳои ниҳодӣ, технологӣ, табиӣ) ва омилҳои дохилӣ (гурӯҳи омилҳои техникӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, маркетингӣ, инсонӣ, инноватсионӣ), фаъолияти пурсамар мекунанд. Муайян карда шудааст, ки яке аз омилҳои калидии дохилии таъсиркунанда ба рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ин ҳолати молиявии онҳо ва мавқеи бозории онҳо (маркетинг) ба ҳисоб меравад, ки бо истифода аз модели Эдвард Алтман мавқеи молиявӣ ва бо истифода аз индекси Хирфандали Хиршман мавқеи консентратсияи бозории корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарро арзёбӣ гардидааст. Ҳамчунин бо мақсади муйян намудани дараҷаи таъсиррасонии омилҳо тавассути усули PESTLE – таҳлил гурӯҳбандӣ карда шуда, ин омилҳо ба 6 гурӯҳ аз ҷумлаи омилҳои сиёсӣ (Political), иқтисодӣ (Economic), иҷтимоӣ (Social), технологӣ (Technological), ҳуқуқӣ (Legal) ва экологӣ (Ecological) ҷудо карда шуданд;

✓ Модели иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳия ва татбиқ карда шудааст. Дар асоси моделҳои иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар пешгӯии нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳо барои давраи то соли 2030 амалӣ гардонда шудааст;

✓ Механизмҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳия карда шуда, натиҷаи татбиқи механизмҳои зикршуда баён гардида, афзалият ва норасоиҳои механизмҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар муайян карда шуданд. Интихоби механизми муносиби таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ амалӣ карда шудааст. Алгоритми интихоби механизми

оптималии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо усули иерархӣ коркард шуда, критерияҳои интихоби механизми оптималии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар муайян карда шуда, меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазири нақлиёти мусофирбар бо усули Томас Саати, таҳия гардидаанд. Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда оид ба интихоби алтернативӣ мувофиқи таъминоти рақабатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар гувоҳи аз он медиҳад, ки миёни механизмҳои алтернативии пешниҳодшуда, механизми рушди инноватсионӣ тибқи арзёбии респондентҳо бо назардошти ҳамаи маҳакҳои таҳқиқшуда бо нишондоди 33 % мавқеъи афзалиятнокро ишғол намудааст;

✓ Самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд асоснок карда шудааст. Унсурҳои таркибии инноватсия ва самаранокии онҳо арзёбӣ гардида, бо мақсади муносибгардонии фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, яъне беҳтар намудани идоракунии воситаҳои нақлиёт, беҳтар кардани хатсайрҳо, кам кардани хароҷот ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ истифодаи низомҳои навигатсионии минтақавӣ ва байналмилалӣ тавсия дода шудааст. Ҳамзамон барои фаъолияти пурсамари нақлиёти автомобилии мусофирбар истифода бурдани аутсорсинг ва низоми *GPS* ва *ГЛОНАСС* ба мақсад мувофиқ мебошад. Алгоритми татбиқи инноватсия дар фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва марҳилаҳои зарурии он таҳия карда шуданд.

**5. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Аҳамияти назариявии тадқиқот дар таҳияи муқаррароти асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ифода меёбад, аз ҷумла дар такмили дастгоҳи категориявӣ-консептуалии назарияи сохторӣ, муайян ва таҳлили омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирӣ, инчунин рушди воситаҳои илмию методии баҳодиҳии нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ ва таҳияи механизму методологияи таъмини он дар шароити муосир. Натиҷаҳои алоҳидаи илмӣ-амалии тадқиқоти илмӣ метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таълими фанҳои маркетинг, идоракунии маркетингӣ, тадқиқоти маркетингӣ, иқтисодиёти корхона, иқтисодиёти инноватсионӣ, маркетинги рақамӣ, идоракунии рақобатпазирии корхона, иқтисодиёти соҳаи нақлиёт, таҳлили иқтисодӣ ва логистика, инчунин дар чараёни таҳия ва гузаронидани курсҳои махсуси таълимӣ истифода гарданд. Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар имконияти татбиқи усули такмилёфтаи баҳодиҳии рақобатпазирӣ ва тавсияҳои методологии пешниҳодшуда ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии

мусофирбар зоҳир мегардад. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд дар фаъолияти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, инчунин дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд мавриди истифода қарор гиранд. Қобили таъкид аст, ки муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ барои татбиқ дар фаъолияти амалии МД «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» дар вилояти Суғд бо мақсади истифода ва татбиқ қабул гардидаанд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокӣ ва кори диссертатсионӣ бо истифодаи заминаи мукаммали методӣ, таҳлили манбаҳои махсуси илмӣ оид ба масъалаҳои рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва татбиқи маҷмӯи усулҳои муосири таҳқиқот таъмин гардидааст. Муаллиф натиҷаҳои бадастомадаро дар раванди муҳокимаи илмӣ санҷида, онҳоро дар конфронсҳо ва ҳамоишҳои илмию амалӣ муаррифӣ намудааст, ки ин ҳолат аз қобилияти ҳимояи хулосаҳои пешниҳодгардида шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар як қатор мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфта, дар маҷаллаҳои тахассусии илмӣ ба нашр расидаанд. Диссертатсия бо риояи меъёрҳои ахлоқи илмӣ ва талаботи иқтибосоварӣ таҳия гардида, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда ба таври дақиқ ва мутобиқ ба меъёрҳои қабулшуда нишон дода шудаанд. Автореферат мазмун ва натиҷаҳои калидии таҳқиқотро ба таври пурра инъикос менамояд. Асоснокии хулосаҳо бо ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории маълумот, дақиқии ҳисобҳо ва ҳамгироии таҳлили назариявӣ бо натиҷаҳои амалӣ тасдиқ мегардад. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида мантиқан пайдарпай буда, дар асоси таҳлили амиқи натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ шакл гирифтаанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Саҳми шахсии довталаб дар ошкор намудани хусусиятҳо ва муаммоҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, таҳқиқи омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд, коркарди модели иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, интихоби механизми муносиби таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва мукаммалгардонии самти афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд, зоҳир мегардад.

Тавсияҳои методӣ оид ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити муосири иқтисодӣ, ки ҷуброни хавфҳои коҳиши ҳиссаи бозор, татбиқи стратегияҳои афзоиши даромад, сармоягузорӣ ба иқтидори инноватсионӣ ва баҳодиҳии рақобатпазириро дар бар мегирад, таҳия шуда, мувофиқи алгоритми татбиқи усули иерархӣ, инчунин фаъолияти инноватсионии корхона ҳамчун самти муҳимтарини таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар интихоб гардидааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертатсия мустақилона навишта шуда, он натиҷаҳои илмиеро дарбар мегирад, ки дастовардҳои шахсии Баротов Ҳамзахон Авазович ба ҳисоб меравад. Иқтибосҳои зарурӣ ба манбаъҳои библиографӣ ва корҳои бевоситаи худи муаллиф дар диссертатсия инъикос гардидаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 18 мақола, ки аз инҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар қисми муқаддимаи диссертатсия аҳамияти илмӣ ва мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши он дар илми муосир ба таври мухтасар арзёбӣ шудааст. Муаллиф ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқотро дақиқ муайян намуда, фарзияи илмии тадкиқотро пешниҳод кардааст. Асосҳои методии таҳлил ва баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар мантиқан шарҳ дода шуда, робитаи онҳо бо баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима сохтори умумии диссертатсия ва маълумот оид ба интишороти илмии муаллиф дарҷ гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии масъалаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар таҳлил гардида, равишҳои асосии баҳодиҳии он ва мушкилоти таъмини рақобатпазирӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ҷамъбаст шудаанд. Ҳолати кунунӣ ва таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили вазъият ва рушди корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ, омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ, моделсозии иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар боби дуюми диссертатсия амалӣ гардонида шудааст. Дар боби сеюми диссертатсия самтҳои асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ташаккули механизмҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии

мусофирбар, интихоби механизми муносиби таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд мавриди таҳлил ва татбиқ қарор дода шудааст.

Мавриди зикр аст, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёт, 70 ҷадвал ва 41 расм иборат буда, бо истифода аз 256 сарчашма таҳия гардида ва дар 203 саҳифа чоп шудааст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда шудааст. Автореферат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Баротов Ҳамзахон Авазович ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) мувофиқат мекунад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди сатҳи баланди илмии кор, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд:

1. Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ, саҳифаи 14 маълумотномаҳо таҳти № 1128 аз 23.12.2024 ва №126 аз 23.04.2025 оиди татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти диссертасионӣ оварда шудааст. Хуб мешуд, ки маълумотномаҳои зикргардида дар саҳифаи охири диссертасия замима мегардид.

2. Дар зербоби 1.1 - асосҳои назариявии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ба таври кофӣ дида баромада шудааст, аммо мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» ба таври умумӣ шарҳ дода шудааст ва робитаи он бо соҳаи нақлиёти мусофирбар на ҳамеша возеҳ аст.

3. Дар зербоби 1.3 - хусусиятҳо ва муаммоҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таҷрибаи хориҷӣ оид ба рақамикунонии нақлиёти мусофирбар нисбатан маҳдудтар инъикос ёфтааст.

4. Дар зербоби 2.1 - таҳлили вазъият ва рушди корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд гузаронида шудааст, ҳамзамон таҳлили муқоисавии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари вилояти Суғд бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба таври кофӣ амалӣ карда нашудааст.

5. Дар зербоби 3.1 - ташаккули механизми таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳқиқ гардидааст. Аммо, механизмҳои пешниҳодшудаи баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бештар хусусияти тавсиявӣ доранд. Хуб мешуд механизми самараноктари он возеҳтар нишон дода шавад.

6. Дар зербоби 3.3 - самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд пешниҳод гардидаанд, вале масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ пурра баррасӣ нашудаанд.

7. Талаботи стандартҳо оид ба иқтибосоварӣ ва рӯйхати адабиёт пурра риоя нашудааст. Иқтибос, аз баъзе адабиёте, ки дар охири диссертатсия оварда шудааст, дар матн ба назар намерасад. Тавсия дода мешавад, ки иқтибосоварӣ ва рӯйхати адабиёт тибқи талаботи стандарти байнидавлатии “ГОСТ 7.1-2003 - Межгосударственный стандарт. Библиографическая запись. Библиографическое описание общие требования и правила составления” ё “ISO 690:2021. Information and documentation — Guidelines for bibliographic references and citations to information resources” ба роҳ монда шавад;

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи умумии илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти ба итмомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) дониста шавад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи нақлиёти автомобилӣ Холов Нурмаҳмат Шарифович, доктори фалсафа (Phd), мудири кафедраи назарияи иқтисод Шамсов Ҷумъахон Исоевич ва номзади илмҳои техникӣ, омӯзгори кафедраи нақлиёти автомобилӣ Ҷалолзода Дилшодҷон Сайкабир омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои нақлиёти автомобилӣ ва назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №1 аз 28-уми январи соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои техникӣ,
мудири кафедраи нақлиёти автомобилии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Холов Н.Ш.

**Эксперт:**
номзади илмҳои техникӣ,
омӯзгори кафедраи нақлиёти автомобилии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Ҷалолзода Д.С.

доктори фалсафа (Phd), аз рйи ихтисоси
6 Д050600-Иқтисодиёт (6 Д050606-иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)
мудири кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шамсов Ҷ.И.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номазади илмҳои иқтисоди,
и.в. дотсенти кафедраи нақлиёти автомобилии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Ашуров Н.А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67.
**Телефон:** (832-22) 2-23-64

E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj, jalolzoda1991@mail.ru

Имзоҳои н.и.т. Холов Н.Ш., н.и.т., Ҷалолзода Д.С., доктори фалсафа (Phd) Шамсов Ҷ.И. ва н.и.и., Ашуров Н.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав ________________ Нажмидинов М.М.

"28" 01 соли 2026